# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович дар мавзуи "Шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01–Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниход шудааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.**

Дар марҳилаи муосири рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти низоми маориф ва таҳсилоти миллӣ яке аз муҳимтарин омилҳо дар татбиқи амалии сиёсати давлату ҳукумат дар соҳаи илму маориф маҳсуб меёбад. Дар асоси сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи илм ва маориф, фарҳанг ва иқтисодиёт комёбиҳои беназир ба даст оварда шуданд. Дар ин раванд рушди бонизоми соҳаи маориф, мақому манзалати омӯзгор ва фароҳам овардани шароити мусоиду беҳтар барои таълиму тарбияи насли наврас самти афзалиятнок дониста шуда, ҷиҳати рушди он тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Дар тули солҳои соҳибистиқлолӣ бо мақсади ислоҳот ва рушди соҳаи маориф даҳҳо стратегия ва барномаҳои давлатӣ қабул карда шуданд, ки ба ташаккули заминаҳои ҳуқуқӣ, бунёду азнавсозӣ ва таҳкими моддӣ-техникии муассисаҳои таълимӣ мусоидат намуданд. Мақсад аз амалӣ сохтани тамоми иқдомот дар самти рушди илму маориф баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии миллат, мунтазам беҳтар гардонидани сатҳу сифати таълим ва тарбияи кадрҳои ба талаботи ҷамъияти муосир ҷавобгӯй мебошад. Ташаккули шахсияти баркамол, дорои қобилияти баланди ахлоқӣ, зеҳнӣ ва малакаю маҳорати зарурӣ маҳз аз муносибати инсонгароӣ ва мутобиқи омузгору хонанда ибтидо мегирад ва дар раванди фаъолияти маърифатии муассисаҳои таҳсилотӣ

тақвият меёбад.

Ҷомеаи омузгорон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамчун як навъ меҳвари мактаб мебошанд, ки мисли ҳамфикрон ҳамкорӣ карда, фаъолияти ахлоқӣ ва муоширатро амалӣ менамоянд, ки дар натиҷа байни онҳо низоми муносибатҳои маънавию ахлоқӣ инкишоф меёбад ва омили муҳими муваффақи таҳсилот маҳсуб меёбад.

Вобаста ба фикрҳои фавқулзикр, интихоби мавзӯи таҳқиқот ва коркарди илмии он аз тарафи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович дар марҳилаи муосири рушди низоми таҳсилот хеле ҷолиби диққат буда, ба таҳқиқоти муҳим ва мубрами илмҳои педагогӣ маҳсуб меёбад. Рисолаи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович дар мавзуи “Шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ”, аз муқаддима, ду боб, шаш зербахш, хулосаҳои бобҳо, хулосаи умумӣ, феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия аз ҷониби муҳаққиқ сатҳи таҳқиқи мавзӯъ, муҳимият ва зарурияти таҳқиқу баррасии муаммои маводи назар, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ, сарчашмаҳо ва равиши анҷоми кори илмӣ, предмет ва объекти таҳқиқ, инчунин матолиби меҳварии барои дифоъ манзуршаванда ба таври возеҳ шарҳу тафсир ёфтаанд.

Ҳадафи таҳқиқот асоснокии методологӣ ва назариявӣ, тарҳрезӣ ва амалисозии технологияи мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. Дар асоси ҳадафи муайян гардидаи таҳқиқот вазифаҳо ва усулҳои таҳқиқ аз тарафи муаллифи рисола хеле равшан ва возеҳ аниқ карда шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия «**Асосҳои методологӣ ва назариявии мутаносибгардонии муносибатҳои байни педагог ва хонандагон»** муносибатҳои педагог ва хонанда ҳамчун раванди педагогии мутаносибшаванда таҳқиқ ёфта, шартҳои педагогии ин муносибатҳо муқаррар шуданд, меъёрҳо ва маҷмуи методикаҳои омӯзиш ва баҳодиҳии натиҷаҳои мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгору мактаббачагон

баррасӣ гардидаанд. Бо ақидаи муаллифи рисола розӣ шудан мумкин аст, ки мутаносибӣ дар таълифоти фалсафӣ ва ҷомеашиносӣ ҳамчун мақсади фарҳанг, ки ба дарки олам ва инсон нигаронида шудааст, якум, чун шакли мувофиқтарине фаҳмида мешавад, ки самти инкишофи ҳама чизи томро муайян мекунад; дувум, ҳамчун воситае фаҳмида мешавад, ки робитаи мутақобили унсурҳо, қисмҳо, тарафҳои ҳама гуна чизи томро дар асоси тартиби дохилию амиқ, ҳамоҳангӣ, пуррашавандагӣ ва таъсироти мутақобил амалӣ мегардонад. Ҷолиби диққат аст, ки довталаб дар доираи ин фасл бо мақсади таҳқиқи ҷузъҳои сохторӣ ва сатҳҳои зоҳиршавии мутаносибшавии муносибатҳо ҷадвали «Мусоидати педагогӣ ба муносибатҳои арзишии байни омӯзгорон ва мактаббачагон» истифода шудааст.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки дар мавриди муносибатҳои таълимиву тарбиявӣ мактаббача субъекти фаъолият аст, ҳадафу вазифаҳои муносибатҳои арзиширо ба миён мегузорад. Ҳамчун шахси бошуур ӯ бо низоми арзишҳо дар таъсироти мутақобил қарор мегирад, мазмуну маънои арзишҳоро дарк ва бунёд менамояд.

Дар боби дуввуми диссертатсия «**Технологияи педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва мактаббачагон**» худташхисӣ ва худтаҳлилкунии вазъи мутаносибгардонии педагог ва мактаббачагон, тарҳрезӣ ва амалисозии технологияи педагогӣ барои мутаносибгардонии муносибатҳои таҳқиқшаванда анҷом ёфта, самаранокии натиҷаҳои амалисозии технологияи педагогӣ оид ба мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббачагон санҷида шудаанд. Муаллифи диссертатсия дар зербахши ин боб бо мақсади омӯзиши амиқтари самтгирии шуури мактаббачагони муосир бо методҳои анкетагирӣ ва суҳбат интихоби сифатҳои шахсиятро ошкор намудааст, ки мактаббачагон онҳоро барои мутаносибгардонии муносибатҳо ҳамчун арзишҳо дарк мекунанд. Дар идомаи фасли мазкур дар асоси таҳия ва ташкили корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ аз тарафи муҳаққиқ сатҳи ташаккули маҳорати рефлексивӣ, худидоракунии

фаъолият, худнакшагирии фаъолият, худназорати фаъолият дар муносибатҳо тавассути тест, анкета ва пурсиш аз ҷониби худи мактаббачагон ошкор гардидаанд.

Натиҷагирӣ аз кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, ки дар диссертатсия ва маводи нашргардидаи муаллиф инъикос гардидаанд, таҳқиқу баррасии ҷабҳаҳои илмӣ-методии масъаларо ба таври комил дар бар мегиранд. Нақш ва мавқеи истифодаи омилҳо, шартҳо ва механизмҳои самараноки мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз ҷониби муаллифи рисола бо гузаронидани корҳои санҷишӣ-озмоишӣ тасдиқ карда шудааст.

Унвонҷӯ муваффақ шудааст, ки дар заминаи баҳисобгирии таҳқиқоти илмии психологӣ–педагогӣ марбут ба муаммои таҳқиқшаванда, таҳлили осори фалсафию таърихӣ, қонун, стратегия ва барномаҳои давлатӣ вазъ ва рушди мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, назарияи фаъолияти педагогӣ дар раванди навоварӣ дар таълим, таълимот оид ба моҳият ва вазифаҳои тарбияи хонандагон амиқ омӯхта, дар асоси таҳлилу баррасии андешаҳои муҳаққиқони соҳа нуқтаи назари хешро иброз намояд.

Падидаи навгонӣ ва бозёфти илмии рисолаи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович бо он арзёбӣ мегардад, ки муаллиф аз нигоҳи тозаи пажӯҳиш масъалаи омилҳо, шартҳо ва механизмҳои педагогии рушди мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро баррасӣ намуда, хусусиятҳои таъсири онҳоро ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва камолоти хонандагон дар шароити муосир ва самаранокии раванди маърифатии онҳоро ошкор намудаст.

Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур аз он иборат аст, ки бори нахуст омилҳо, шартҳо ва механизмҳои педагогии рушди мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шароити муосири кишварамон муайян карда шудаанд; - моҳияти мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва

хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ошкор карда шудааст; бартараф кардани носозгорӣ, номувофиқатии ҷузъҳо, вазифаҳо ва ноилшавӣ ба мутаносибӣ, мусоидати тарафайни онҳо дар асоси мутаносибшавии онҳо бо ҳадаф; механизмҳои мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян гардиданд: пурракунӣ, ҳамгироӣ, интериоризатсия ва экстериоризатсия, инъикос (меросбарӣ) ва тавлиди (офаридан) арзишҳо;
- маҷмуи шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ асоснок карда шуд;- самаранокии мутаносибгардонии раванди таҳқиқшаванда ошкор гардид: пайдоиши синергия, рушди рефлексия, азхудкунии аҳаммияти арзишҳо, инъикос, тавлиди мазмунҳо, тағйири нуқтаи назар дар фаҳмиши арзиш, беҳтаргардонии интихобҳои арзишӣ, дақиқ кардани низоми арзишҳо, рушди иқтидори шахсиятӣ, пайдоиши сифатҳои нави шахсият, корҳои нек; - технологияи педагогие коркард шуд, ки масирҳои инфиродӣ-шахсиятӣ (барномаи шахсии худмуайянкунии мактаббачагон дар низоми арзишҳо) ва лоиҳакашии иҷтимоиро фаро мегирад, ки ба мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ равона гардидааст.

***Саҳми шахсии муаллифи рисола Пиров Ҳ.П.*** аз иштироки бевоситаи ӯ дар тамоми марҳалаҳои таҳқиқот иборат аст: банақшагирӣ, интихоб ва асоснок кардани мавзуъ, тартиб додани сохтори диссертатсия, муайян кардани ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти зарурӣ оид ба мавзуи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва муназзам кардани натиҷаҳои кори таҷрибавӣ-озмоишӣ ҳамчун пойгоҳи маълумоти озмоишӣ ва коркарди онҳо, таҳлили натиҷаҳои коркарди маълумоти озмоишӣ, омодасозӣ ва интишори мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳо ва таълифи диссертатсия.

Қобили зикр аст, ки натиҷаи асосӣ ва арзишманди пажуҳиш дар маводҳои Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, Паёми

Донишгоҳи давлатии Бохтар маводи конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳо ва тренингҳо баррасӣ шуда, дар мақолаҳо инъикос ёфтааст, ки 4 адади он дар нашрияҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Дастгоҳи илмӣ ва сохтори диссертатсия, автореферати он мувофиқи талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда дар сатҳи хуб таҳия гардида, муҳтавои автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад. Мақолаҳои дар нашрияҳои илмии тақризшаванда батабъърасондаи унвонҷӯй муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро фаро мегиранд.

**Эрод ва пешниҳод нисбати камбудиҳои мавҷудбуда.**

Зикр намудан ба маврид аст, ки дар баробари дастовардҳои илмии назариявию амалии муҳаққиқ, дар диссертатсия норасоиҳои зерин дида мешаванд, ки зикри он характери тавсиявӣ дорад.

1. Дар боби дуюми диссертатсия, агар аз тарафи муаллифи рисола мушкилотҳои мавҷудбуда ва бартарафсозии онҳо дар низоми рушди мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври тавсиявӣ пешниҳод мегардид, ба диссертатсия арзиши илмии бештар мебахшид.
2. Дар рисола хуб мебуд, ки дар бораи роҳ ва усулҳои омодагии омузгорони оянда дар макотибҳои олии касбӣ ва муассисаҳои миёнаи касбии педагогӣ оиди ташаккули мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод ва тавсияҳои илмӣ дода мешуд.

3. Дар баъзе саҳифаҳои кори диссертатсионӣ ва фишурдаи он баъзе хатогиҳои имлоӣ, мантиқӣ ва техникӣ ба назар мерасад, ки ба таҳриру тасҳеҳ ниёз доранд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикршуда арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадовичро дар мавзуи "Шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ", дар ҳудуд ва миқёси мавзуи таҳқиқшуда халалдор намекунад.

Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводи заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Диссертант аз адабиёти илмии зарурӣ дар самти таҳқиқоти мазкур огоҳии комил ва ҳамаҷониба дорад.

Дар умум, диссертатсияи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович дар мавзуи "Шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01–Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот таҳқиқоти тахассусӣ ва мустақилона анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи педагогикаи ватанӣ мебошад.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович дар мавзуи "Шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ", кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

Нуктаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои рисолаи илмӣ дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар рисолаи илмӣ ва фишурдаи он дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд.

Диссертатсия ба талаботи банди 53-и Низомномаи КОА назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.01–Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи ДДК ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Лоиқов П. Ҷ.

04.05. 2024с.

***Маълумот барои тамос:*** 735360. Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш.Кӯлоб, к.Сафаров 16. Тел.+(992)3322-23506. Сайт: http:www.kgu.tj.

Имзои Лоиқов П. Ҷ.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори РК ва КМ ДДК ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.А.